ADABIYOTSHUNOSLIK

**UDK 891.709** **DOI: 10.56292/SJFSU/vol29_iss2/a82**

# HOZIRGI O‘ZBEKISTON TOJIK SHE’RIYATIDA BEDILIY USLUB AN’ANALARIGA IZDOSHLIK
## (Ja’far Muhammad Termiziy she’ri misolida)

# ПАЙРАВӢ АЗ СУННАТҲОИ САБКИ БЕДИЛӢ ДАР НАЗМИ МУОСИРИ ТОҶИКИИ ЎЗБЕКИСТОН
## (дар мисоли шеъри Ҷаъфар Муҳаммади Тирмизӣ)

# СЛЕДОВАНИЕ ТРАДИЦИЯМ СТИЛЯ БЕДИЛИ В СОВРЕМЕННОЙ ТАДЖИКСКОЙ ПОЭЗИИ УЗБЕКИСТАНА
## (на примере стихотворения Джафара Мухаммада Тирмизи)

# FOLLOWING THE TRADITIONS OF THE BEDILI STYLE IN THE MODERN TAJIK POETRY OF UZBEKISTAN
## (in the example of Jaafar Muhammad Tirmidhi's poem)

**Ҳазраткулиён Дилшодаи Фарходзод**[1]

[1]**Ҳазраткулиён Дилшодаи Фарходзод** **–** номзади илмҳои филологӣ, дотсенти Донишгоҳи давлатии Самарқанд ба номи Шароф Рашидов

***Annotatsiya***

*Maqolada hozirgi tojik adabiyotida, xususan, O‘zbekiston tojik she’riyatida hindcha, yoki bediliy uslub an’analarining davom etishini o‘rganish haqida so‘z boradi. Bu mavzu Ja’far Muhammad Termiziy g‘azallarining ayrim namunalari tahlili asosida o‘rganiladi. Bundan tashqari, ba’zi Tojikiston shoirlarining she’rlari ham ulardagi hindcha uslub ta’siri jihatidan tahlilga tortilgan.*

***Аннотатсия***

*Дар мақола омӯзиши масоили идомаи анъанаҳои сабки бедилӣ дар адабиёти муосири тоҷик, бахусус, дар назми тоҷикии Ӯзбекистон баррасӣ гардида, мавзӯи мазкур дар асоси таҳлили баъзе намунаҳои ғазалиёти Ҷаъфар Муҳаммади Тирмизӣ мавриди муҳокима қарор гирифтааст. Зимнан ба ашъори баъзе аз шоирони Тоҷикистон аз ин дидгоҳ низ назар афканда шудааст.*

***Аннотация***

*В статье обсуждается изучение продолжения традиций стилья бедили (т.е. индийский стиль) в современной таджикской литературе, особенно в таджикской поэзии Узбекистана. Кстати, с этой точки зрения рассматривались и стихи некоторых таджикских поэтов.*

***Abstract***

*The article is about the study of the continuation of the traditions of the Indian or Bedili style in modern Tajik literature, especially in the Tajik poetry of Uzbekistan. This topic is studied based on the analysis of some samples of Jaafar Muhammad Tirmidhi's ghazals. By the way, the poems of some Tajikistan poets are looked at from this point of view.*

***Kalit so‘zlar:*** *hozirgi tojik she’riyati, O‘zbekiston, bediliy uslub, an’ana, Ja’far Muhammad, “bir” so‘zinig badiiy talqini*

***Калидвожаҳо****: шеъри муосири тоҷик, Ӯзбекистон, сабки бедилӣ, анъана, Ҷаъфар Муҳаммад, тасвирофаринӣ бо “як”*

***Ключевые слова:*** *современная таджикская поэзия, Узбекистан, стиль бедили, традиция, Джаафар Мухаммад, художественное выражение слова «один».*

***Key words****: contemporary Tajik poetry, Uzbekistan, bedyli style, tradition, Jaafar Muhammad, an artistic image of "one"*

## МУҚАДДИМА

Дар назми форсии тоҷикӣ баъди асри шонздаҳум услуби эҷодии шоирон кам-кам таҳаввул пазируфт ва тағйироти услубие, ки ба вуҷуд меомад, дар пояи сабки ироқӣ сурат гирифт. Аввалин тозакориҳо дар доираи сабки маъмули ироқӣ ба амал омаданд. Дар ҳамин асос тазкиранависон Хоҷа Ҳасани Нисорӣ дар "Музаккири аҳбоб", Мутрибии Самарқандӣ дар "Тазкират-уш-шуаро" ва Малеҳои Самарқандӣ дар “Музокир-ул-асҳоб” (асрҳои XVI – XVII) шоиронро ба гурӯҳҳои кӯҳнашоирон ва навпардозон ҷудо кардаанд. Дар

адабиётшиносии муосир бошад, масъалаи рушди адабиёти тоҷик дар муҳити адабии Самарқанд ва таҳаввули сабкҳои эҷодӣ дар тӯли таърихи адабиёт, бахусус афзудани майл ба сабки ҳиндӣ аз ҷониби олими забардаст профессор Садрӣ Саъдиев ба тарзи амиқу дақиқ баррасӣ шудааст[9.58].

Дар ашъори шоирони сабки ҷадид назокату латофат ва рангиниву диққати хаёли шоирона бештар буд. Шоирони навпардоз ва пайравони онҳо бо роҳи нозукравиҳо ва диққати хаёл мазмунофариниҳо мекарданд, ки ин мушкилиҳоро дар мӯшикофии мазмуни онҳо ба вуҷуд меовард.

## ТАҲЛИЛИ АДАБИЁТҲО ВА УСЛУБҲО

Пажӯҳиши илмии мо ҳадаф дорад, ки баробари мушаххас намудани якчанд вижагии сабки бедилӣ, идома ёфтани ин анъанаи адабиро дар назми имрӯзи тоҷикии Ӯзбекистон дар мисоли намунаҳои ғазалиёти Ҷаъфар Муҳаммад, ки аз шоирони тавонои кишвар аст, нишон диҳад, зимнан образҳои ба ҳамин услуб офаридаи Ҷаъфарро ба таҳлил кашад.

Дар осори баъзе аз шоирони Тоҷикистони муосир ҳам унсурҳои сабки ҳиндӣ ба назар мерасад, аз ҷумла дар шеъри Гулрухсор Сафиева, Абулқодири Раҳим, Нуралӣ Нурзод. Вале ҳар кадом аз ин шоирон дар вобастагӣ ба ҷаҳонбинӣ, завқу салиқа ва ҳадафҳои муайяни эҷодӣ ин услуби эҷодиро корбаст мекунанд. Баъзе мунаққидони тоҷику эронӣ ҳамчун Аскар Ҳаким, Нуралӣ Нурзод, Алиасғари Шеърдӯст дар ин мавзӯъ пажӯҳиши илмӣ доранд. Вале то ба ҳол доир ба ин мавзӯъ дар адабиётшиносии тоҷикии Ӯзбекистон касе андешае ҷиддӣ изҳор накардааст. Чунончи, дар яке аз охирин рисолаҳое, ки аз ҷониби Абдуллоҳ Тоҳириён ва муҳаққиқи ҷавон Меҳмон Нарзиқулов навишта шудааст [1.94], дар мисоли ғазал дар эҷодиёти Ҷаъфар Муҳаммади Тирмизӣ масъалаи инкишофи ғазал дар муҳити адабии Ӯзбекистон омӯхтаву баррасӣ гардидааст. Аммо бояд гуфт, ки дар ин рисолаи хурд муҳаққиқон имкон наёфтаанд, ки дар бораи таваҷҷуҳи ин шоир ба шеъри шоире чун Бедил сухан гӯянд. Дар якчанд мақолаҳое, ки дар мавзӯи шеъри имрӯзи тоҷикии Ӯзбекистон, вижагиҳои шоирони ҳамзабони ин сарзамин (мунташиршуда дар матбуоти тоҷикии кишвар ва ё маҷмӯаҳои мақолаҳо) аз ҷониби олимоне чун С.Саъдиев, А.Абдуллоев, А.Қамарзода, А.Самадов, Ҷ.Муҳаммад, А.Қайюмзод, Х.Ҳамидов ва дигарон офарида шудаанд, масъалаи аҳвол ва осори шоир, доираи мавзӯи шеърҳояш, баъзе хусусиятҳои тасвирҳои бадеӣ, сабки шоир ба андозае шарҳ ёфтаанд.

Зимни омӯзиши таърихи таҳаввули сабкҳо, ба вуҷуд омадани сабки бедилӣ ва хусусиятҳои он, шарҳи идома гирифтани ин сабк дар рӯзгори мо аз методҳои таърихӣ-қиёсӣ истифода шуд. Тадқиқи идома гирифтани анъанаи услуби ҳиндӣ дар шеъри шоирони пешгоми тоҷик, ҷиҳатҳои ба худ хоси он корбурди методи таҳлилӣ ва қиёсиро тақозо менамояд.

## НАТИҶАҲО ВА МУҲОКИМА

Ҳамон гуна ки дар боло зикр гардид, таҳаввул ёфтани сабки эҷодӣ ва қувват гирифтани ин ҷараёни адабӣ дар асрҳои XVI – XVII шоирони ин аҳдро ба ҷустуҷӯҳои тоза ба тозаи эҷодӣ водошт. Ҳар қадр ки ин сабк шоиронро ба ковишҳои амиқи зеҳнӣ мебурд, он қадр хонандаро ба кӯшиши сахт дар мӯйшикофиҳо дар мазмуни бадеӣ мекашид. Вижагиҳои хосе, ки ин сабк дорад, аз хонанда низ огоҳию таҷрибаро тақозо мекунад. Дар зер вижагиҳои сабки ҳиндиро дар намунаҳо аз байтҳои Мирзо Абдулқодири Бедил баррасӣ мекунем:

**1. Таваҷҷӯҳ ба мазмунсозӣ.** Мазмунсозӣ, яъне на мазмуни асл ва муқаррарии сухан, балки мазмуни хаёломез, ки аз сухани бадеӣ ҳосил мешавад, мақсади асосии шоирони сабки ҳиндӣ будааст. Ба ин восита онҳо ҳам назди дигарон ҳунарнамоӣ ва ҳам қуввасанҷию табъозмоӣ мекарданд.

Сӯхт дил, аммо чароғи муддао равшан нашуд,
Дар ҷигар, ё раб, чи оташ буд доғи лоларо [6.39].

2. **Борикбинӣ дар шеър** идомаи мазмунофарӣ аст, аммо фарқ дар ин ҷост, ки хаёли шоир хеле нозуку борик аст:

Олами иқбол маҳви пардаи идбори мост,
Сад ҳумо гум карда дар боли магас оинаро [6.71].

**3. Тарзи ғайримаъмул ва мушкили баён** дар шеъри аксари шоирон - намояндагони забардасти ин сабк ба назар мерасад, чунончи Бедил мегӯяд:

Аз мо паёми васл тиҳӣ намуд ҷои мо,

Охир ба мо расид зи ҷонон паёми мо [6.40].

Яъне, ҷои моро паёми мо аз мо холӣ мекунад ва мо бепаём мемонем, аммо дар охир ба мо ҳамон паёме, ки аз ёр интизор будем, мерасад. Яъне, вақте аз чизе мегусилӣ, ба он пайваста мешавӣ. Ин мазмунро дарк намудан барои хонандаи оддӣ душвор аст. Ҳамин мушкилбаёнии шеъри шоирони ин сабк сабаб мегардад, ки дар Мовароуннаҳру Хуросони асрҳои миёна маҳфилҳои бедилхонӣ ба вуҷуд оянд ва шоирон гирди ҳам омада, мазмуншикофӣ намоянд.

**4. Бакорандозии мафҳумҳои мавҳум ва ғайримоддӣ:**

Хами шамшери ҷуръат сарфи эҷоди тавозӯъ кун,
Ба ин нохун ҳамон ҷуз уқдаи чини ғазаб макшо [6.70].

“Хами шамшери ҷуръат”, “нохуни хами шамшери ҷуръат”, “уқдаи чини ғазаб” тасвирҳое ҳастанд, ки дар онҳо як ҷузъи таркибҳо ғайримоддиву хаёлӣ, ҷузъи дигарашон моддиву ламсшаванда ҳастанд.

**5. Муроҷиат ба илм ва таҷрибаҳои зиндагӣ дар шеър** яке аз сабабҳои мураккабию душвории фаҳмиши шеъри бедилист. Шоири шеъри бедилона мисли кашшоф ва ё коршинос аст - таҷрибаҳои зиёд аз зиндагӣ ва дониши хуб дорад. Ба ин хотир хонанда ҳам барои фаҳмидани ин навъи шеър бояд омодагӣ дошта бошад. Масалан, агар дар бораи сохта шудани оина ва таркиби кимиёии он огаҳӣ надошта бошад, ба кушодани маънии байт мушкилӣ пайдо мекунад:

То қиёмат ҷавҳару оина меҷӯшад ба ҳам,
Аз ғуборам пок натвон кард домони шумо [6.55].

6. **Дигаргуншавии арзишҳои эстетикии шеър аз роҳи истифодаи калимаҳои мавриди истифодаи мардуми оддӣ ва ин ифодакунандаи завқи онҳост.** Маълум аст, ки сабки ҳиндӣ дар заминаи шеъри вуқӯъ ташаккул ёфтааст ва аз ворид шудани номи ашёи рӯзгор, истилоҳоти хосаи касбию ҳунарӣ, калимаҳо ва таъбирҳо, ҳикмат ва зарбулмасалҳои халқӣ вижагии хосаи забонӣ пайдо намудааст:

Бедил, махоҳ озори дил, аз тоқати роҳат гусил,
Эй по ба дӯши обила, бар хор метозӣ чаро? [6.62]

**7. Овардани мазмунҳои ирфонӣ.** Ирфон ҳамчун мавзӯи муҳими шеъри форсӣ-тоҷикӣ дар шеъри бедилӣ ҳам мавқеи ба худ хос доштааст:

Партави хуршед ҷуз дар хок натвон ёфтан,
Як замину осмон аз асли худ дурем мо [6.78]

**8. Ифодаи мазмунҳои фалсафӣ** дар шеъри шоирони ин сабк қавитар мешавад, бахусус дар шеъри Бедил андешаҳои фалсафӣ дар омехтагӣ бо андешаҳои иҷтимоӣ ва ахлоқӣ меояд:

Ҷавлони мо фусурд ба занҷир хоби по,
Вомондагист ҳосили таъбири хоби по. [6.88]

Пайравӣ аз Бедил бо риояти баъзе вижагиҳои услубии шеъри ӯ дар назми имрӯз ҳам ба назар мерасад. Дар баробари шеъри Тоҷикистон, дар Ӯзбекистони муосир ҳам баъзе аз шоирон бо пайравӣ аз ин сабк шеър мегӯянд, чунончи Ҷаъфар Муҳаммади Тирмизӣ, Хусрави Саъдуллоҳ. Аммо ин вижагии шеърашон, ки марбут ба масъалаи тасвири бадеӣ дар эҷодиёти онҳост, ҳанӯз дар мақолаҳои адабиётшиносон ба тарзи алоҳида ва амиқ ба ришtаи таҳлил кашида нашудааст.

Мо дар ин навбат майлу таваҷҷуҳи шоирон ва робитаи онҳоро бо шеъри бедилӣ танҳо дар як мисоли хеле одӣ – корбасти калима ва ё шумораи “як” мехоҳем нишон бидиҳем, ки ба сифати тасвири бадеӣ дар шеъри пайравони сабки бедилӣ ҳанӯз дар асрҳои миёна камубеш маъмул гаштааст. Истифодаи калимаи “як”, ки дар колбади тасвирҳои бадеӣ барои ифодаи мафҳуми ҳаҷм дар шеър истифода гаштаанд, пеш аз Бедил ҳам маъмул будааст, чунончи дар Соиб -“як чашм хоби талх” ва худи Бедил ҳам бо ин калима тасвирҳои бадеии зиёде аз қабили “як обилавор”, “як лағзиши по” офаридааст:

Марг ку, то **як мижа чашм** аз кафан пӯшад маро,
Ҷомаи урёниям танг асту ман эҳромиям [3.206].

Дар адабиётшиносии муосир баъзе аз олимон шеъри сабки ҳиндиро ба сифати як обишхӯри шеъри нав нишон додаанд, ба ин далел, ки шеъри сабки ҳиндӣ шоиронро барои

кашфу навоварӣ водоштааст ва шеъри нав ҳам ҳосили ҳамин гуна ҷусторҳо дар шаклу мазмуни шеъри суннатист. Олими бедилшинос Нуралӣ Нуров менависад: “Дар канори ин, ҷусторҳо дар заминаи зуҳури шеъри нав дар кишварҳои форсизабон низ дар асл муқаррар месозад, ки омилҳои аслии гароиш ба қолабҳои нав ба шеъри форсиро низ метавон дар нақш ва таъсири Бедил ҷустуҷӯ намуд, зеро маҳз асари ҳунарии шеъри ин суханвар омил гардид, ки бархе аз суханварон бо эҷоди ҷараёни бозгашти адабӣ муддате истиқбол аз сабки қудаморо идома диҳанд. Вале чун бар асоси қавонини марсуми фалсафӣ бозгаштан ба пас дар асл ногузир аст, дар мароҳили баъдӣ маҳз ҳамин таъсири пурнуфузи Бедил омил гашт, ки андешаи тарҳи нав дар шеъри форсӣ эҷод ва роҳандозӣ шавад. Аммо бо ин ҳама дар қолиби шеъри нав низ муҳимтарин аносири ҳунарии шеъри Бедилро суханварони навгаро дар адабиёти муосири форсӣ идома бахшиданд, ки намунаи барҷастаи онро Ҳасани Ҳусайнӣ дар мисоли шеъри Сӯҳроби Сипеҳрӣ ба риштаи таҳқиқ кашидааст”[8.401].

Дар силки шоирони навовари солҳои 60-уми тоҷик устод Гулрухсор бо кашфу ҷустуҷӯй дар шеъру зиндагӣ батадриҷ ба шеъри Бедил робитае наздиктар пайдо кард ва ба рози ҷустуҷӯйҳо дар мазмуни шеър аз ин роҳ ҳам даст ёфт. Дар натиҷа дар шеърҳои ин шоир коре аз мазмунсозиву тасвирофариниҳои тозаву бесобиқа ба вуҷуд омаданд. Адабиётшиноси маъруфи эронӣ Алиасғари Шеърдӯст таъсири шеъри Бедилро дар масъалаи тасвирсозӣ ба шеъри Гулрухсор баён намуда, дар осори ӯ ба ёрии ташхис ҷои вежа доштани тасвирофариро таъкид мекунад. Ҳамчунин, порае аз гуфтаҳои шоирро дар мусоҳибае овардааст, ки мутобиқи он, устод Гулрухсор садаи ояндаро садаи Бедил номида, дурахши шеъри Бедилро ба тобиши санги алмос ташбеҳ мекунад: “тобише, ки дар оянда бештар хоҳад шуд” [2.43].

Зоҳиран, таваҷҷуҳ ба сабки ҳиндӣ дар осори ин шоир аз маҷмӯаи “Зодрӯзи дард” рӯ ба фузунӣ меорад. Минбаъд дар дигар маҷмӯаҳо ҳам ин тамоюл боқӣ мемонад, чунончи дар “Ҷовидона” ба ғайр аз ғазалҳо дар шеърҳои нимоиву сафед ҳам ба тасвирҳое аз ташбеҳҳои нав ва истиораҳои мураккаб дучор мешавем. Бахусус, парадоксофарӣ, ки дар шеъри сабки ҳиндӣ фаровон аст, дар эҷодиёти Гулрухсор гӯиё ба масобаи як хоббӣ зуҳур мекунад. Дар маҷмӯаи дигари шоир ба унвони “Дигар Ишқ!” ҳарчанд забони шеърҳо содатар аст, ҳанӯз тасвирҳое аз дастаи ба сабки ҳиндӣ офарида ҳастанд:

Як чаман қаҳ-қаҳаву замзамаву нолаву нол,
Як Ватан фоҷиаву фотиҳаву ҳузну сурур [4,55].

Шоири дигар, устод Доро Наҷот, бо таваҷҷӯҳ ба сабки бедилӣ тасвирҳои нав ба нав - ташбеҳҳо ва истиораҳои ғайрианъанавӣ офаридааст. Шеъри Доро шеъри андешаҳо ва ҷустуҷӯҳо дар хаёл ва зеҳн аст. Ва парадоксҳо, ки дар шеърҳояш зиёд ба назар мерасанд, зодаи андешаҳои фалсафӣ ҳастанд. Тасвир аз калимаи “як” дар ғазали шоир ба шакли “як кабӯтар содагӣ” омадааст:

Ман худамро борҳо мирондаам,
Зиндагиро борҳо гирёндаам.
Парзанон бо **як кабӯтар содагӣ**
Орзуро бар ҳаво афшондаам... [5.222].

“Зиндагиро гирёндан”, “як кабӯтар содагӣ”, “ҳасратро шири ях нӯшонидан”, “ранги бенақшии худро резонидан”, “гузори атри нури Мустафо” ва ғайра дар тӯли ин ғазали Доро хоси тасвирсозии сабки бедилӣ ҳастанд. Аммо ба ҳар ҳол тарзи баёни Доро дар ин гуна ғазалҳояш содатар аст. Ӯ кӯшиш накардааст, ки дар ин ғазал, дар муқобили ашъори сафедаш, бо рамзҳо, истиораҳои мураккаби печида суханашро мушкилфаҳм созад.

Таваҷҷӯҳ ва пайравӣ ба сабки бедилӣ дар ашъори дигар шоирони тоҷикистонӣ - Абдулқодир Раҳим, Нуралӣ Нурзод низ мушоҳида мешавад. Ин гуфтаро метавон бо як нукта аз сарсухани шоири маъруф Фарзонаи Хуҷандӣ бар китоби шеъри Нурзод тасбит намуд: “Ӯ аз ҷаҳони оинабанди Бедилу Сӯҳроби Сипеҳрӣ гоҳо тарҳи тасвирҳоро мебардорад”[7.4]. Ва ҳар яке аз ин шоирон бо салиқаи ба худ хос, бо илҳом аз ашъори Бедил шеър меофаранд.

Дар байтҳое, ки аз шоирони муосири тоҷик намуна овардем, тасвирҳои бадеӣ аксар бо шумораи “як” офарида шуда, моҳиятан миқдори каму бешро ифода менамоянд. “Як” аслан хурдтарин рақам ва оғози шумор аст, пас аз сифр ва дар ҷараёни офариниши тасвирҳои бадеӣ он мазмунан тобеи мафҳуми асосии таркиби ин тасвир мегардад. Масалан, “як чашм хоби талхи ҷаҳон” барои ифодаи маънои хурдӣ ва баръакс, “як ҷаҳон ташаккур” барои ифодаи маънои бузургӣ дар қоби тасвири бадеӣ арзи ҳастӣ намудаанд. Хурдию

бузургии мафҳуми тасвир рабте ба ҷузъи эзоҳии шумораи “як” дорад. Тасвирҳое аз ин даста ба формулаи зерин асос меёбанд: рақами “як” + калимаҳое, ки дар пайвастагӣ ба рақами як мафҳуми ҳаҷмро мушаххас мекунанд (аз исмҳо “як **бағал** ғазал” аз Ҷаъфар Муҳаммад, “як **Бухоро** ташнагӣ” аз Озарахш) ва ҳатто масдарҳо (“як **тапидан** зиндагонӣ” аз Нуралӣ Нурзод) ба вуҷуд омадаанд. “як” + исмҳое, ки ҷузъи асосӣ дар тасвирҳои бадеӣ ва ё муроди асосӣ аз тасвир ҳастанд (“як биёбон **аташ**”).

**Тасвири бадеӣ ва ё сухани образнок**. Шакли реалии ин навъи тасвири бадеӣ дар илми забоншиносӣ ҳамон нумератив аст, ки ба ин навъ ифода мегардад: “як даста гул”, “як гала асп”, “як хона бача”... Аммо дар ин мақола ба шарҳи илмии тафриқаи ин ду (тасвири бадеӣ ва нумератив) намепардозем, ки аз мақсад дур аст.

Мо дар ашъори шоири забардасти ӯзбекистонӣ Ҷаъфар Муҳаммади Тирмизӣ ҳам тасвирҳоеро бо корбасти “як” мебинем. Дар шеърҳои ӯ гоҳо калимаи “як” ба вазифаи худаш – ифодаи миқдор меояд ва тасвире аз воқеият аст: “як нафас”, “як дам”, “як нигоҳ”, “як бода”, “як хум”, “як решаи ток” ва ғайра, ки инро дар адабиётшиносӣ предмети тасвир меноманд.

Аз бонги карраной, в-аз сукри сурной,
Як шаҳр кар нашуд, то Ту наёмадӣ [10.3].

Гоҳе дигар барои васфи ашёи тасвир истифода мегардад: “як нози дилнавоз”, “як шавқи ҷонгудоз”, “як ишқи сабзранг”... Формулаи ин гуна тасвирҳои таркибӣ ва ё таркибҳои бадеӣ ба ин шакл дармеояд: “як”+ибораҳои тавсифӣ. Ин дастаи тасвирҳо бо тасвирҳое аз қабили “як мурғи орзу” тафовут дорад, аз он ҷо ки “мурғи орзу” тавсиф нест, балки истиораи пӯшида аст.

Як мурғи орзу дар шохсори Ишқ,
Хушболу пар нашуд, то Ту наёмадӣ [10.3].

Гоҳе ҳангоми кор бо санъати ташхис шоир мазмунҳои тозаи бадеиро ба вуҷуд овардааст, чунончи “дар батни хум инқилоб накардани як хӯша”, “шакар нашудани як най”, “тар нашудани як шеър”, “кар нашудани як шаҳр”:

Дар батни хум накард як хӯша инқилоб,
Як най шакар нашуд, то Ту наёмадӣ.
Дар хушксоли рӯҳ, эй абри отифа,
Як шеър тар нашуд, то Ту наёмадӣ [10.3].

Аммо тасвирҳои бедилона бо калимаи “як” маъмулан ба шакли зерин ифода ёфтаанд: “як”+калимаи мутаносиб бо ашёи тасвир + ашёи тасвир. Масалан, “як+сина+орзу”. Гузашта аз тарзи хоси образофаринӣ таваҷҷуҳ ба фалсафа ва ирфон аз вижагиҳои шеъри сабки ҳиндист. Ҷаъфар Муҳаммад, ки дар тасвирофаринӣ дасти тавоно дорад, дар ғазалҳояш бо пайравӣ ба сабки ҳиндӣ аз дидгоҳи хосаи худаш миқдори зиёде аз ин гуна тасвирҳоро ба вуҷуд овардааст, чунончи “як мусича мусиқӣ”, “як ҷавона хурсандӣ”, “як дарича озодӣ” [10.16], “як ламъа умед”, “як дил захира” [10.20], “як Бухоро гуфтугӯ”, “як Самарқанд орзу” [10.27], “як сабад масал”, “як бағал ғазал” [10.41] ва ғайра. Баъзе аз ғазалҳои шоир аз ин тасвирҳо серобанд. Ғазали зерин исботи ин фикр аст:

Як боғ рангу бӯ пазмон туро. Ва ман...
Як села орзу пазмон туро. Ва ман...
Як сина изтироб, як себ ишқи ноб,
Як гӯша ҷустуҷӯ пазмон туро. Ва ман...
Як коса ташнагӣ, як бед ҳузни хам
Як соҳил оби ҷӯ пазмон туро. Ва ман...
Як шаҳр сайру гашт, як кӯча саргузашт,
Як достон “бигӯ” пазмон туро. Ва ман...
Як хона рӯшанӣ, як дар умеди сабз,
Як миз гуфтугӯ пазмон туро. Ва ман...
Як моҳтоб ҳаҷр, як рӯҳиёт фаҷр,
Як Ҷаъфар орзу пазмон туро. Ва ман... [10.19]

Дар ин ғазали шашбайтӣ, ки пур аз рангу бӯю такопӯ ва ҷустуҷӯҳост, ҳабдаҳ тасвир ба равиши ҳиндӣ офарида шудааст: “як села орзу”, “як себ ишқи ноб”, “дар умеди сабз”, “як кӯча

саргузашт”, “як рӯҳиёт фаҷр” ва ғайра. Таркиби тасвир: унсурҳои моддӣ+мавҳум: “як миз гуфтугӯ“, “як моҳтоб ҳаҷр”, унсурҳои мавҳум+мавҳум: “як достон “бигӯ”, “як рӯҳиёт фаҷр”.

Вақте шоир мегӯяд: “Як боғ рангу бӯ пазмон туро”, дар ҳоли тасвир маъшуқаро пазмон шудани як боғ орзу ташхисҳои зиёд ҳосил мешаванд. Байни унсурҳои таркиби тасвирҳои бадеӣ таносуби қавӣ ба назар мерасад. Чунончи, “як достон “бигӯ” аз тасаввури бадеии гуфтани достон ва ё “як миз гуфтугӯ” аз гуфтугӯ дар атрофи миз ба вуҷуд омадаанд.

Дар ҳоли шакли тасвирҳоро табдил додан, мисли инҳо: “боғи рангу бӯ”, “селаи орзу”, “Ҷаъфари орзу” истиораҳо падид меоянд. Бо такя ба ин далелҳо метавон гуфт, ки ин дастаи тасвирҳоро истиораҳо ба вуҷуд овардаанд.

Дар ҳоле ки дар шеър анъанаи офариниши тасвири бедилӣ риоят мегардад, онҳо ба сари худ тозагӣ ҳам доранд. Масалан, вақте шоир тасвирҳоеро аз қабили “як себ ишқи ноб”, “як бед ҳузни хам”, “як села орзу”, “як рӯҳиёт фаҷр” ба офаридан мекӯшад, бештар заҳмат мекашад, бештар нерӯи хаёл сарф мекунад. “Як себ ишқи ноб” дар заминаи рамзи себ, ки ифодагари ишқ дар шеъри мумтоз ва ҳам назми шифоҳии халқист, ин ҷо дар либоси тоза ба ҷилвагарӣ омадааст. Барои идрок намудани “як рӯҳиёт фаҷр” хонанда ҳам бояд тааммул ва таҳаммул дошта бошад.

Корбурди санъати саҷъ (“саргузашт”, “сайру гашт”, “изтироб”, “ноб”), овардани қофияҳо (“бӯ”, “ҷӯ”, “бигӯ”, “гуфтугӯ”, “ҷустуҷӯ”), радифҳои мураккаб, ки дар ду ҷумла мукаррар меоянд (... пазмон туро. Ва ман...), оҳангнокии шеърро қавӣ гардонидаанд.

Ба шакли “... пазмон туро. Ва ман...” – дар ду ҷумлаи кӯтоҳ овардани радиф ва бе хабари “аст” мухтасар кардани сухан як навъ таваҷҷуҳ аст ба сабки гуфтори мардум. Ин тарзи баён боиси содагии он ҳам гардидааст.

Муҳаббат ва иродати худро Ҷаъфар Муҳаммад дар ғазале ҳам ошкор намудааст: “Аз маъонии Бедил ҳаззи бебадал дорам” [10,41]. Баробари Бедил ба дигар классикони гузашта ҳам муҳаббат доштани шоир ва бо вуҷуди ин намунаи шеъри имрӯз будани ашъори Ҷаъфарро муҳаққиқони ғазалиёти ӯ аз забони адабиётшиноси ӯзбек Ш.Олимов таъкид намудаанд ва ӯро шоири модернист муаррифӣ кардаанд: “Дар ғазалҳои ӯ, ки ҳамоҳангие бо эҷодиёти классикони шеъри форсию туркӣ ҳамчун Руми, Саъди, Ҳофиз, Бедил, Навоӣ, Машраб, ҳамчунин бузургони шеъри муосири тоҷику ӯзбек ба мисли Мирзо Турсунзода, Шералӣ Лоиқ, Эркин Воҳидов, Абдулла Орипов доранд, бо ин ки дар онҳо вазни арӯз моҳирона риоят шудааст, анъанаи ғазалнависии классикӣ вайрон нашудааст ва рӯҳи замон ҷорист” [1.6].

**ХУЛОСА**

1. Ба ин тартиб, сабки ҳиндӣ ва ё бедилӣ ҳамеша мавриди таваҷҷуҳу эътибори эҷодкорони хушзавқ ва навовар будааст. Аз ин рӯ мо пайравиро аз он бештар дар эҷодиёти шоирони пешгоми замон ба мисли Гулрухсор, Нуралӣ Нурзод, бо тафовут дар услуб ва дидгоҳи фардии онҳо, мушоҳида мекунем.

2. Дар байни шоирони муосири тоҷик Гулрухсор дар пайравӣ аз Мирзо Абдулқодири Бедил бештар саҳм гирифтааст. Анъанаи сабки бедилӣ нисбат ба дигар шоирони муосири тоҷик дар назми Гулрухсор қавитар аст. Ӯ нисбат ба дигар пайравони ин мактаби адабӣ дар шеъри имрӯз бештар комёб гаштааст. Офариниши парадоксҳо, тасвирҳои тоза ба тозаи худро, дур аз тақлидкории маҳз, офарида тавонистааст. Бардоштҳои фардии худро бо тасвирҳои бедилонаи хоса баён кардааст. Гоҳе низ бо ин тасвирсозиҳо суханро печида ва мушкилфаҳм месозад.

3. Доро Наҷот бо илҳом аз бузургоне чун Мирзо Бедил дар ҷараёни баён намудани мазмунҳои илмию фалсафӣ кӯшиш дорад дар шеър фазои тозае матраҳ кунад, тасвирҳои тоза, калимаҳои нав офарад. Нуралӣ Нурзод ҳам, ки аз ин сарчашма баҳравар аст, бештар ба талқини мазмунҳои фалсафӣ кӯшиш мекунад ва майли зиёд ба ифода кардани ғояҳо дорад, дар ин ҷараён ба тозагӯӣ, тасвирпардозӣ ҳам кӯшиш мекунад. Ҷойгоҳи ирфон дар шеъри Доро Наҷот ва Нуралӣ Нурзод густурда аст.

4. Ҷаъфар Муҳаммади Тирмизӣ бо майли зиёд ба ирфон ва тасаввуф ба шеъри Бедил ҳам таваҷҷуҳ дорад ва тасвирсозиҳо бо корбурди техникаи сабки ҳиндӣ дар чакомаҳояш маҳз дастоварди таматтӯъ аз шеъри ин шоир аст. Аммо ончунон ки дар шеъри дигар шоирони номбурда, ки “муносибати гарм”-е бо шеъри сабки ҳиндӣ доранд ва дар шеърҳояшон ҷои пои он баръало намоён аст, Ҷаъфар Муҳаммад асари ин муҳаббатро дар

камтарин корбурд аз ин сабк нишон медиҳад. Аломати ин робита бо шеъри бедилиро мо дар хурдтарин нишона - офариниши тасвир бо истифода аз “як” нишон додем, ки хеле шоиронаву моҳирона адо гардидааст.

5. Шеъраш равон, забонаш содаву равшан ва матбӯъ аст. Ташбеҳу ташхис, истиора ва рамз (дар муқобили парадокс) дар чакомаҳояш воситаҳое пуркорбурд ҳастанд.

6. Ҷӯши хаёли Ҷаъфар дар зарфи ғайрати шеъри бедилӣ мӯътадил аст. Ғаюриву ҳассосияте, ки дар ин роҳ дар назми дигарон дида мешавад, дар шеъри ӯ кам аст. Бо ин ҳол ӯ дар шумори шоирони пешгоми кишвар аз маъдуд касонест, ки шеъри бедилонаро дуруст идрок намудаву техникаи сабки ҳиндиро хуб ҳифз кардааст ва бо маҳорати хоса дар тасвирҳояш ба намоиш гузоштааст.

**АДАБИЁТ**

1.Абдулло Тоҳириён, Меҳмон Нарзиқулов. Ғазал ишқи ва ишқ ғазали (Жаъфар Муҳаммад ғазалларига чизгилар). Тошкент: 2015 (Abdullah Tahiriyan, Mehmon Narzikulov. Ghazal love and love ghazal (Compositions to Jaafar Muhammad's ghazals). Tashkent: 2015)

2.Алиасғари Шеърдӯст. Чашмандози шеъри нави тоҷик. Душанбе: Адиб, 1997 (Aliasghar Sheerdoost. New Tajik poetry perspective. Dushanbe: Adib, 1997)

3.Бобобек Раҳимӣ. Нусхаи Ромпурии девони Бедил. Душанбе: ЭР-граф, 2022.-268 саҳ (Bobobek Rahimi. Rompuri version of Bedil devan. Dushanbe: ER-graf, 2022.-268 p)

4.Гулрухсор. Дигар Ишқ! Душанбе: Бухоро, 2014. -303 саҳ. (Gulrukhsor. Another Love! Dushanbe: Bukhara, 2014. -303 p)

5.Доро Наҷот. Маҳтобе хамида дар рукӯъ. Душанбе: Адиб, 2006. -232 саҳ. (Doro Najot. A moon bowing down. Dushanbe: Adib, 2006. -232 p.)

6.Мирзо Абдулқодири Бедил. Сад барги ғазал. Хуҷанд: Ношир, 2017. -132 саҳ. (Mirza Abdul Qadir Bedil. One hundred gazelle leaves. Khujand: Noshir, 2017. -132 p.)

7.Нуралӣ Нурзод. Азони танҳой. Хуҷанд: Нури маърифат, 2005. -120 саҳ. (Nurali Nurzod. Loneliness azan. Khujand: Nuri ma’rifat, 2005. -120 p.)

8.Нуралӣ Нуров. Поэтикаи ғазалиёти Мирзо Абдулқодири Бедил. Хуҷанд: Ношир, 2020. -448 саҳ. (Nurali Nurov. Poetics of Mirza Abdul Qadir Bedil's poetry. Khujand: Noshir, 2020. -448 p.)

9.Садрӣ Саъдиев. Маркази адабии Самарқанд дар шоҳроҳи таърих. Тошкент: Ўзбекистон миллий энциклопедияси, 2012. (Sadri Saadiev. Literary center of Samarkand on the highway of history. Tashkent: National Encyclopedia of Uzbekistan, 2012.)

10. Ҷаъфар Муҳаммади Тирмизӣ. Ғизоли ғазал (50 ғазал). Тошканд:TURON-IQBOL, 2018.- 48 саҳ. (Jafar Muhammad Tirmidhi. Ghazal (50 ghazals). Tashkent: TURON-IQBOL, 2018.- 48 p.)